## Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01.- зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқлими хос барои парвариши навъҳои зироати бодиринг дар ду фасли сол: баҳорӣ ва тобистон бештар хос аст.

Аммо шароитҳои мусоид дар гармхонаҳои доимоамалкунанда барои парвариши бодиринг дар чор фасли сол имконият дорад.

Дар дуруст ба роҳ мондани парвариши навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон, табиатан хос шароитҳои мусоидкунанда зиёд ба назар мерасад. Аммо барои таъмин намудани маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг, бештар истифодабарии дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи пешқадам ба роҳ мондан вобастагӣ дорад аз кор карда баромадани технологияи замонавии истеҳсоли навъҳои бодиринг дар шароити табиии минтақаи Данғараи вилояти Хатлон, эҳтиёҷ дорад ба мувофиқасозии равандҳои технологияи парвариши зироати бодиринг дар марҳилаҳои сабзиш ва инкишофёбӣ, хос аст.

Кор карда баромадан ва ҷорӣ намудани технологияи парвариши навъҳои “Марғилонӣ-822”, “Беназир”, “Парад-176” ва дурагаи “Суперина F1”, маҳсулнокии онҳо ва сифати ҳосили парваришшуда дар кишти асосию такрории онҳо имконият медиҳанд, ки баъди ҷамъоварии ҳосили якум кишти такрорӣ гузаронида шавад.

Кишти такрорӣ аз зарурияти муайян кардани талаботҳои зироат ба омилҳои ҳаётӣ, интихоби минтақа, навъҳо, муҳлати кишт, истифодаи технологияи замонавӣ, аз он ҷумла, истифодаи усулҳои обёрӣ вобастагии калон дорад.

Дар шароити фаъолшавии шиддатнокии тағйирёбии иқлим, тағйирёбии муҳити табиӣ дар муҳити атроф ба амал омада ва боиси паст шудани маҳсулнокии биологии барг, гул ва мева, тағйирёбии системаҳои ташаккулёбии реша, поя, навдабаргҳо, устувории растании бодиринг ба касалиҳои замбурӯғӣ, бактериявӣ ва вирусӣ, ки аз технологияи парвариши он, бештар вобастагӣ дорад, мавриди омӯзишҳои биологии он, гардидааст.

Дар натиҷа ҳолатҳои ташаккулёбии узвҳои вегетативӣ ва генеративӣ, мавриди таҳқиқоти илмӣ, қарор дода шудааст.

Мувофиқи мушоҳидаҳои илмӣ, ҳолати паст шудани маҳсулнокии навъҳои бодиринги “Марғилонӣ-822”, “Беназир”, “Парад-176”, дурагаи “Суперина F1”, сифати ҳосили парваришуда дар кишти асосию такрории онҳо дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон инчунин хоҷагиҳои деҳқонӣ, иҷоравӣ, кооператсияҳо ва талафёбии маҳсулоти бодиринг аз 45% то 85% мушоҳида карда мешавад.

Дар шароити табиии ноҳияи Данғара кишти асосии зироати бодиринг танҳо дар кишти такрорӣ амалӣ мегардиданд ва парвариши навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосӣ бисёр мушкилотҳои таъсиррасонро дорад.

Мувофиқи таҳлилҳои илмӣ-тадқиқотӣ бори аввал аст, ки дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, дар заминҳои навобёришаванда, омӯхтани хусусиятҳои хоси биологии навъҳои гуногуну дурагаи бодиринг бо гирифтани ду ҳосил дар давоми як сол ва риоя намудани талаботҳои агротехникии парвариши бодиринг таҷрибаҳои саҳроӣ, бо натиҷаҳои самарабахш мушоҳида карда мешавад.

Дар равандҳои фаъолшавии шароитҳои муҳити зист, талаботҳои масоҳати кишти зироатҳои бодиринг дар кишти асосию такрорӣ маҳдуд гардидааст. Аз таъсири фаъолшавии равандҳои тағйирёбии иқлим таъсиротҳои харобиовар ба навъҳои "Марғилонӣ-822", "Беназир", "Парад-176" ва дурагаи "Суперина F1", маҳсулнокии онҳо ва сифати ҳосили парваришшуда дар кишти асосию такрорӣ, мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст.

Дар ин самт татбиқи васеи технологияҳои муосири инноватсионӣ, бо назардошти омӯхтани хусусиятҳои биологии навъҳо ва дурагаҳои типи интенсивӣ, ки ба речаҳои оптималии обёрӣ, ғизоӣ эҳтиёҷ доранд ва ба назар гирифтани таъсири омилҳои экологӣ дар кишти асосию такрории бодиринг ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи ноҳияи Данғара, ҳадафнок тадбиқ карда шудааст, ки ин ҳамчун як падидаи нави илми кишоварзӣ пажуҳиши илмиро талаб мекунад. Диссертант Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич, ин ҳолати мубрами кишоварзӣ-сабзавотпарвариро саривақт дарк намуда, дар робита ба омӯзиш ва таҳқиқи он ҳадаф ва мақсади худро дар яке аз ин самтҳо-таҳқиқи сабзавотпарварӣ бо номи «Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон» бо як далелҳои асосноккунии илмӣ бо масъалагузориҳо матраҳ кардааст.

Дар шароити заминҳои обёришаванда истифодаи шароити табиӣ ва усулҳои маҳсулнокии навъҳои бодиринг барои парвариши кишти асосию такрорӣ, яке аз имкониятҳои зиёд намудани масоҳати заминҳои корам барои парвариши зироатҳои сабзавотӣ, истеҳсоли махсулоти аз ҷиҳати экологӣ ҷавобгӯй, ҳамчун як имконияти баланд бардоштани навъҳои растании бодиринг дар шароити табиии ноҳияи Данғара, омӯзиши хоси илмиро талаб менамояд, ки дар фишурдаи рисолаи Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич, таҳқиқ карда шудааст.

Аз таҳқиқи рисолаи номзадӣ маълум гардид, ки диссертатсия дар ҳаҷми 150-саҳифа таҳия гардида, аз муқаддима, 3 боб, таҳлили адабиёт, қисмати таҷрибавӣ бо фарогирии агротехникаи парвариши бодиринг, объект ва натиҷаи таҳқиқот, хусусиятҳои ботаникӣ ва биологии растании бодиринг, чораҳои мубориза бар зидди касаливу ҳашаротҳои зараррасон, хусусиятҳои биохимиявӣ, шифобахшии бодиринг, шароити иқлим, самаранокии иқтисодии парвариши ҳосили бодиринг, хулоса ва пешниҳодҳо ба истеҳсолот, 33-ҷадвал,

6-расм, 5-диаграмма ва 1-то нақша иборат буда, рӯйхати адабиёт 186 номгӯй, аз он ҷумла 8 тояш муаллифони хориҷӣ ва замимаро дар бар мегирад.

Дар муҳаддима моҳият ва мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ ва мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш дуруст инъикос ёфтааст. Инчунин, асосҳои назариявию методии объект таҳқиқ гардида, қимати илмиву амалии рисола бо далелҳои саҳеҳ асоснок карда шудааст.

Диссертант тамоми паҳлуҳои пажӯҳишшавандаи мавзӯро мувофиқи мақсад таҳлилу тасниф намуда, дар зербобҳои боби аввал, омӯзиши масъалаҳои маҳсулнокии навъҳои бодиринг дар киштҳои асосӣ ва такрорӣ дар шароити минтақаи ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, масъалаҳои мухталифи унсурҳои технологияи парвариши навъҳои бодирингро дар киштҳои асосӣ ва такрорӣ, интихоби навҳо, муҳлати кишт, меъёри нуриҳои минералӣ ва органикӣ дар мавриди ба нақшагирии ҳосили бодиринг, реҷаҳои обёрӣ дар минтақаҳои таҷрибавӣ, таҳқиқ шуда бо таҳлилҳои хуби илмӣ баррасӣ карда, исбот намудааст, ки таъмини иҷрои корҳои агротехникӣ ва усулҳои парвариши зироати бодиринг дар кишти асосӣ ва такрорӣ дар шароити табиӣ ноҳияи Данғара, аз дуруст интихоб намудани усулҳои парвариши зироати бодиринг ва зичии ниҳолҳо дар киштзор табиатан хос аст.

Дар боби дуюм диссертант ба масъалаҳои қнамудани мавқеи ҷуғрофӣ ва релефи ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, хусусиятҳои иқлимии ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, хусусиятҳои морфологии хоки ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, обекти таҳқиқот, усулҳои таҳқиқотӣ дар таҷрибаҳои саҳроӣ ва лабораторӣ, агротехникаи парвариши зироати бодиринг, самти таҳқиқи худро бештар ба роҳҳои баланд бардоштани маҳсулнокии навъҳои бодиринг дар кишти асосӣ ва такрорӣ дар шароити табиии ноҳияи Данғара вобаста ба хусусиятҳои биологии навъҳои бодиринг, таҳлил ва муайян шудааст.

Дар боби сеюм, ҷараёни таҳқиқотҳои илмӣ оид ба мушоҳидаҳои фенологию биометрӣ, зараррасонҳо ва касалиҳои бодиринг, чорабиниҳо ба муқобили онҳо, хусусиятҳои биологии касалиҳои бодиринг дар хоҷагии деҳқонии Шомуроди ноҳияи Данғара, ҳосилнокии зироати бодиринг дар кишти асосӣ ва такрорӣ, сифати молӣ ва таснифотӣ морфологии меваи бодиринг, нишондиҳандаҳои биохимиявӣ ва органолептикии меваи бодиринг, ҷиҳати самаранокии иқтисодии истеҳсоли ҳосили бодиринги тару тоза, хулоса ва тавсияҳо барои истеҳсолот, ки боиси баланд шудани маҳсулнокии навъҳои бодиринг мегардад, илман асоснок карда пешниҳод гардидааст.

Диссертант, дар рисолаи худ, бори аввал дар шароити табиии минтақаи Данғараи вилояти Хатлон имкониятҳои баланд бардоштани маҳсунокии навъҳои “Марғилонӣ-822”, “Беназир”, “Парад-176” ва дурагаи “Суперина F1”, дар кишти асосӣ ва такрорӣ, бо истифода аз интихоби усулҳои паравриши зироати бодиринг, муайян кардааст.

Диссертант, дар ҷараёни таҳқиқотҳои илмӣ таъсири шароити табиӣ ва усулҳои парвариши навъҳои “Марғилонӣ-822”, “Беназир”, “Парад-176” ва дурагаи “Суперина F1” аз ҳисоби риоя намудани технологияи парвариши зироати бодиринг дар даврахои сабзиш ва инкишофёбии навъҳои бодиринг дар кишти асосӣ ва такрорӣ, муайян намудааст.

Диссертант, роҳҳои баланд бардоштани маҳсулнокии навъҳои “Марғилонӣ-822”, “Беназир”, “Парад-176” ва дурагаи “Суперина F1”-ро дар шароити табиии минтақаи Данғараи вилояти Хатлон вобаста ба навъҳо ва технологяи парвариши навъҳои зироати бодиринг таҳлил намудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон», ҳадаф ва мазмуни асосии рисоларо бо дарназардошти омилҳои сохториву мундариҷавии таҳқиқот ба шакли мукаммал фаро гирифтааст.

Миралиев И.Р. тамоми паҳлуҳои растании бодирингро дар қитъаи таҷрибавӣ ба пуррагӣ мавриди омӯзиш қарор додааст, вале саволе ба миён меояд, ки чаро барои анҷоми корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ маҳз ноҳияи Данғара интихоб шудааст?

Бо дарназадошти гуфтаҳои боло камбудиҳои имлоии унвонҷӯй дар қисмати таҳлили ҷадвали 1 ва 2 мушоҳида карда шуд, ки ин хатогиҳои техникӣ буда, диссертант онро ислоҳ кард.

Хулоса, фишурдаи диссертатсия Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич дар мавзӯи «Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон» тамоми ҷанбаҳои мавзӯи таҳқиқро фаро гирифта анҷомёфта ба шумор меравад ва бешубҳа ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷчикистон мувофиқ аст. Муаллифи фишурдаи рисола ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01.-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Директори Институти боғу токпарварӣ
ва сабзавоткории Академияи илмҳои
кишварзии Тоҷикистон, номзади
илмҳои кишоварзӣ — Толибов Алиф Қаландаршоевич

03.05.2024с

Имзои Толибов А. Қ.-ро тасдиқ менамоям.
Сармутахассис оид ба кадрҳои Институти
боғу токпарварӣ ва сабзаботкарӣ АИКТ — Сафарова З.А.

ИНСТИТУТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ ВА САБЗАВОТКОРИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
734025, хиёбони Рӯдакӣ, 21а. тел: 938009092
почтаи электронӣ: **bogparvar@mail.ru**